# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих доир ба ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик))**

Парвандаи аттестатсионии № ________________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.07.2026, №10

Барои сазовор донистани Шарипова Таманно Ҷамшедовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих.

Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991 – 2024)» (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024, таҳти №443/шд) 7-уми майи соли 2026, суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ, Шарипова Таманно Ҷамшедовна 1-уми сентяби соли 1997 дар ноҳияи Данғара деҳаи Хурамзамин, ҷамоати деҳоти ба номи Исмат Шариф ба дунё омода, миллаташ тоҷик мебошад. Соли 2004 МТМУ №8-и деҳаи Хурамзамини деҳоти ба номи Исмат Шарифи ноҳияи Данғара ба синфи якум рафта, муассисаи мазкурро соли 2015 бо маълумоти миёнаи пурра хатм намуд.

Шарипова Таманно соли 2018 шуъбаи ғоибонаи факултети таърихи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» дохил шуда, онро соли 2021 бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Фаъолияти кории Шарипова Т.Ҷ. солҳои 2015-2016 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и н.Данғара ба ҳайси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ фаъолтят намудаст.

Номбурда ҳамзамон солҳои 2021-2022 ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии “таърих ва ҳуқуқ” ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, ва солҳои 2022-2025 ассистенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърихи ДМТ фаъолтят намуд.

Фаъолияти илмии Шарипова Т.Ҷ. мутобиқ бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав №157-фа аз

31.12.2023, унвончӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пазируфта шудааст.

Аз моҳи марти соли 2025 сармутахассиси пешбари шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Халилзода Давлаталӣ Халил,** доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Зикриёева Малика Файзиевна**, аъзои шуро, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таъринигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.

**2. Холмуродзода Меҳрафрӯз Бури,** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси таърих, мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муассисаи пешбар:**

Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Акатемияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Тақризи муассисаи пешбар, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Шарипова Т.Ҷ. бо имзои **раиси ҷаласа** доктори илмҳои таърих, профессор мудири шуъбаи таърихи навтарини, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Абдурашитов Ф.М., **ташхисгар,** доктори илмҳои таърих, профессор сарходими илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Абулҳаев Р.А. ва **котиби ҷаласа,** Фазуллоева Г.Қ. омода гардида, бо имзои Директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, дотсент Муродзода А.А. аз 24- уми июни соли 2026 тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991 – 2024)» (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ)_барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси (6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) тахти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси (6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), сазовор мебошад.

**Ҳамчунин ба унвонии шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-082 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Шарипова Т.Ҷ. ворид шудаанд:**

1. **Шарифзода Ҷ.С.** – доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи ДМТ Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.
2. **Наимӣ И.Н.** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ Академияи идоракунии давлатии назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.
3. **Ганҷакова М.Г.** – номзади илмҳои таърих, и.в., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Тақриз мусбат мебошад.

Шарипова Таманно Ҷамшедовна муаллифи 9 мақолаи илмӣ буда, 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшандаи КОА-и назди Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Инчунин, номбурда бахшҳои мухталифи кори хешро дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ маъруза намудаанд.

1. **Шарипова Т. Ҷ.** Сабабҳои асосии воридшавии занони тоҷик ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷа / Т. Ҷ. Шарипова // Фурӯғи илм. – 2025. – № 1. – С. 340–346.
2. **Шарипова Т. Ҷ.** Баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мушкилоти занони муҳоҷири меҳнатӣ / Т. Ҷ. Шарипова, Д. Х. Халилзода // Фурӯғи илм. – 2025. – № 3. – С. 301–307.
3. **Шарипова Т. Ҷ.** Назаре ба муҳоҷирати байналмилалии меҳнатии занон дар асрҳои XX-XXI: ҷанбаи гендерӣ / Т. Ҷ. Шарипова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 11-2. – С. 61–67.
4. **Шарипова Т. Ҷ.** Масъалаҳои мубрами занони муҳоҷири Тоҷикистон дар давлатҳои ИДМ ва Русия / Т. Ҷ. Шарипова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 12-1. – С. 143–148.

5. **Шарипова Т. Ҷ.** Назаре ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии занони кишвар ба давлатҳои хориҷӣ / Т. Ҷ. Шарипова // Фурӯғи илм. – 2024. – № 2. – С. 228–235.

6. **Шарипова Т. Ҷ.** Зарурияти таърихии муҳоҷирати занони Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ / Т. Ҷ. Шарипова // Фурӯғи илм. – 2024. – № 3. – С. 262–270.

7. **Шарипова Т. Ҷ.** Омилҳои таърихии пайдоиши муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон / Т. Ҷ. Шарипова // Фурӯғи илм. – 2024. – № 4. – С. 215–224.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърих буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мӯҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

- оғози муҳоҷирати меҳнатии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳдудаи хронологӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;

- хусусиятҳо, омил ва ҷараёни «феминизатсияи муҳоҷират» мушаххас карда шуд;

- зоҳир намудани хусусияти хосси муҳоҷирати меҳнатии занон (соҳаҳои хизматрасонӣ, саноати сабук, хизматрасонӣ ва амсоли инҳо);

- танзими ҳуқуқии раванди мазкур дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа дар сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ баррасӣ карда шуд;

- ҳадафҳо ва иқдомоти сиёсӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ дар коҳиш додани таърихии муҳоҷирати меҳнатии занон дар қиёс ба давлатҳои ҳамҷавор муайян карда шуд;

- бори аввал масъалаи пайдоиш, таърихи муҳоҷирати меҳнатии занон аз дидгоҳи илмӣ ва усулҳои таҳқиқотӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, тамоми паҳлуҳои он ба таври ҳамаҷониба ва муфассал омӯхта шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст:**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои дар

асоси таҳқиқот ба даст овардашуда метавонанд дар раванди таҳлили илмӣ ва амалии равандҳои муҳоҷират, пеш аз ҳама, муҳоҷирати меҳнатии занон васеъ истифода шаванд. Муқаррароти алоҳидаи кор метавонанд дар фаъолияти мақомоти дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабули қарорҳо оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқотро, ҳамчунин, метавон дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар курсҳои таърих, сотсиология, сиёсатшиносӣ, иқтисод ва демография ва ғайра истифода намуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Дар рафти таҳқиқоти мазкур методологияи материализми диалектикии таҳқиқот бо истифода аз категорияҳои таърихӣ васеъ истифода гардид. Истифодаи методи диалектикӣ имкон дод, ки омӯзиши мавзуъ ба тартиби муайян пеш бурда шавад. Аз ҷумла, афзоиши зиёди занони муҳоҷир ба мамлакатҳои муҳоҷирқабулкунанда, тарзи зисту зиндагонии онҳо, шароити кору зиндагии онҳо дар хориҷа, риояи ҳуқуқи занони муҳоҷир дар хориҷа ва дигар масъалаҳо мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтанд. Дар баробари ин ҳуқуқу уҳдадориҳои занони муҳоҷири тоҷик дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи занони муҳоҷир аз тарафи Ҳукумати мамлакат, намуди имтиёзҳои занони муҳоҷир низ таҳқиқ гардиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Саҳми шахсии довталаб дар он аст, ки дар давоми таҳқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботи ташкилотҳои давлатӣ ва дигар маводи муътамад истифода карда, саҳифаҳои муҳоҷирати меҳнатии занонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст. Ба сифати далелҳои таърихӣ, ҳамчунин, аз тарафи диссертант таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуданд, ки дар натиҷаи онҳо бевосита аз шахсони маъруф ва аз занони муҳоҷири воқеӣ ваҷҳу рақамҳои қаблан ошкорнагардида дарёфт гардиданд. Ҳамчунин, дар таҳияи диссертатсия бо Вазорату Агентиҳои масъули самт ҷиҳати мушаххассозии рақамҳо ҳамкорӣ суръат гирифтааст. Аз ҷониби довталаб дар васоити ахбори омма вобаста ба мавзуи мазкур таҳлилҳо манзур шудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 15- уми июли соли 2026 оид ба сазовор донистани Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991 – 2024)» (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси (6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктарони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 10 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Қурбонов Б.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҷалилов М.Ш.**

15- уми июли соли 2026
ҶМ